ТДУ 336.77+338.431(575.3)

# ОМИЛҲО ВА ҲАВАСМАНГАРДОНИҲОИ БА САРМОЯГУЗОРӢ ТАЪСИРБАХШ

*Раҳматов У. - ассистенти ДДК ба номи А. Рӯдакӣ*

***Калидвожаҳо***:*омилҳои таъсирбахш, ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ, имтиёзҳои сармоягузорӣ, ҳавасмандкуниҳои андозӣ,воридоти сармоя, рушди сармоягузорӣ.*

Афзоиши ҳаҷми сармоягузорӣ ва ташаккули фазои сармоягузорӣ дар кишвар ҳамчун вазифаи стратегӣ ва омили муҳими таҷдиди иқтисодиёти миллӣ муайян шудааст. Нақши давлат дар ҷалб ва равонакунии сармоягузорӣ ба рушди бахши воқеии иқтисодиёт, фароҳам овардани шароит барои ташаккули бозори коғазҳои қиматнок, ҷоннок намудани фаъолияти қарзии бонкҳо дар бахши воқеии иқтисодиёт, ҳавасмандгардонии ҷалби сармояи хориҷӣ ва риояи қатъии манфиатҳои Тоҷикистон тақвият меёбад. Солҳои охир дар фаъолияти сармоягузорӣ тамоюлҳои мусбӣ ба назар мерасад. Ҳаҷми сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар давоми 5 соли охир чор маротиба зиёд гашт. Бо мақсади беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ Кодекси андоз дар таҳияи нав қабул гардид, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузориҳо», «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ», Консепсияи сиёсати давлатӣ оид ба ҷалб ва ҳимояи сармоягузориҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2012, №755 тасдиқ шудааст, қабул гаштанд. Инчунин Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ташкил гардид ва самаранок фаъолият намуда истодааст.

Имрӯзҳо аз ҷониби сармоягузорони хориҷию ватанӣ сармоягузорӣ нашудани иқтисодиёти Тоҷикистон ҳамчунин бо як қатор омилҳои таъсиркунанда низ вобастагӣ дорад, ки аз инҳо иборатанд:

- татбиқи ислоҳоти сохторӣ дар мақомоти давлатӣ, ки дар самти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ фаъолият менамояд;
- таъмини низоми ягонаи ҳуқуқии ҷалби сармоягузориҳо ва пешниҳоди кафолату имтиёзҳо ба сармоягузорони хориҷию ватанӣ;
- ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ҷиҳати ҷалб ва истифодаи самараноки кӯмакҳои беруна;
- такмили махзани ягонаи иттилоотӣ барои сармоягузорон ва соҳибкорон;
- кам кардани монеаҳо ва хароҷот ҳангоми анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ;
- дастгирии давлатии соҳибкорӣ ва таъмини беҳбуди фазои сармоягузорӣ;
- бартараф намудани шумораи санҷишҳои беасос бо роҳи таҳияи механизмҳои назорат ва ҷавобгарӣ барои санҷишҳои беасос.
- раванди воридоту содирот хеле мураккаб буда, боиси хароҷоти зиёд ва коррупсия мегардад;
- фаъолияти соҳибкорӣ вобаста ба мушкилоти инфрасохторӣ ва таъминот бо барқу газ дар давраҳои муайян ва минтақаҳои алоҳида маҳдуд мегардад;
- дастгирии соҳаҳои тахассусии кишвар-саноати сабук ва саноати озуқаворӣ нокифоя аст;
- омори соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ нопурра буда, дар ин самт тадқиқот номунтазам гузаронида мешавад.

**Дар самти таҳкими қонунгузорӣ ҷиҳати беҳбуди фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ:**

- ҷиҳати рушди бахши хусусӣ ва ҷалби сармоягузорӣ, аз ҷумла сармоягузории мустақими хориҷӣ, таҳкими заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла қонунгузории андозу гумрук, баланд бардоштани таъсирнокии ҳифзи судии ҳуқуқи сармоягузорон ва соҳибкорон пешбинӣ мегардад;
- чорабиниҳо ҷиҳати такмили қонунгузорӣ дар қисми сармоягузорӣ, ҳуқуқи моликият, консепсия, фароҳам овардани ҳуқуқҳои баробар ба сармоягузорони ватанию хориҷӣ татбиқ хоҳанд гардид;
- баҳри ташаккул ва татбиқи сиёсати судманд дар соҳаи рушди соҳибкорӣ барномаи дарозмуҳлат дар ин раванд татбиқ мегардад.

**Дар самти ба тартиб даровардани расмиёти танзими фаъолияти субъектҳои хоҷагидории ҳама гуна шакли моликият:**

- баҳри тадриҷан ва мунтазам кам кардани монеаҳои маъмурӣ ҳангоми ворид шудан ба бозор ва анҷом додани соҳибкорӣ тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд;
- расмиёт оид ба сертификатсияи маҳсулот ҳаддалимкон оддӣ гардонида шуда, рӯйхати сертификатсияи ҳатмӣ кам карда мешавад ва оид ба эътирофи стандарт ва сертификатҳои асосии кишварҳои муттараққӣ ва шарикони минтақавӣ тадбирҳо андешида хоҳанд шуд;
- раванди хусусигардонӣ ба ҷалби сармоягузорон, шаффофияти худи музоядаҳо ва таъмини иҷрои шартҳои хусусигардонӣ равона карда мешавад;
- ҷиҳати соддагардонии расмиёти содирот ва воридот тадбирҳо андешида мешаванд. **[1]**

Дар қатори ин тадбирҳо фароҳам овардани имкониятҳои бештари ҷалби сармоягузории дохилӣ, бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди иҷорагирӣ, ҳамчун воситаи алтернативии ҷалби сармоягузорӣ бояд андешида шаванд. Бояд гуфт, ки сармоягузории хориҷӣ сабаби рушди иқтисодиёт мегардад ва ба сармоягузории дохилӣ таъсири зиёд мерасонад, ҳамчунин ба қавитар гардонидани робитаҳо байни бозори дохиливу байналмилалӣ мусоидат менамояд [2,с.111-112 ].

Дар шароити муосири рушди низоми иқтисодӣ низоми андоз бояд ба сифати ҷузъи таркибии он механизми босамари ҳавасмандгардонии маблағгузориҳо ба иқтисодиётро дар бар гирифта, фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ дар кишвар ҳамчун масъалаи муҳими макроиқтисодӣ дар раванди амалӣ гардонидани ислоҳоти бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон махсусан аён гардид. Дар ин равобит, ноил гардидан ба чунин сатҳи ҷалби сармоягузорӣ, ки афзоиши истеҳсолот, рақобатпазирии маҳсулоти

ватаниро таъмин намуда бошад ҳадафи муҳими таҳқиқоти олимону муҳаққиқон дар шароити муосир маҳсуб меёбад. Андӯхтҳои молиявии субъектҳои иқтисодӣ имкон медиҳад, ки дар андозаи кофӣ сармоягузорӣ ба сармоя маблағгузорӣ карда шавад. Вале, мутаассифона, чунин имкониятҳо то ҳанӯз потенсиалӣ боқӣ монда, ҷиҳати татбиқи амалии онҳо истифодаи як қатор механизмҳои андоз, қарзӣ, фискалӣ ва дигар муҳим аст. Дар ин асос, ки татбиқ намудани механизми андоз самти муҳим ва афзалиятноки муаммои ҳавасмандгардонии раванди сармоягузорӣ арзёбӣ карда мешавад.

Муҳиммияти мавзӯи матраҳшавандаи ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ тавассути механизми андозбандӣ бо он маънидод карда мешавад, ки дар шароити марҳалаи сифатан нави тараққиёти иқтисодию иҷтимоии кишвар нақши андоз дар раванди дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ аҳамияти хоссаро ба худ касб намудааст. Механизми андоз - маҷмӯи тарзу қоидаҳои муносибатҳои андозиест, ки ёрии он ноилшавӣ ба ҳадафҳои сиёсати андоз таъмин карда мешавад[3,с.97].

Низоми механизми андоз ба нигоҳдошти тавозуни байни вазифаҳои танзимотӣ ва фискалии андоз равона гардида, дар намуди низоми махсуси андозбандӣ, тағйир додани мӯҳлатҳои пардохти андоз ва ниҳоят дар шакли имтиёзҳои андоз зоҳир мегардад, ки аз тадбирҳои саривақтӣ ва босамари ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ дар шароити муосир маҳсуб меёбад. Дар баробари ин, маҷмӯи имтиёзҳои андозро метавон ҳамчун унсури низоми умумии танзими андоз арзёбӣ намуд, ки шаклу воситаҳои ҳавасмандкунии афзоиши фоидаи субъектҳои иқтисодӣ, ҳаҷми захираҳои худии молиявии онҳоро пешбинӣ менамояд.

Ҳавасмандкуниҳои андозӣ - усули таъсиррасонӣ тавассути татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ ба андозсупоранда бо мақсади ҷалб намудани ӯ барои содир намудани амалҳои қонунӣ дар соҳаи андозбандӣ ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ (сармоягузорӣ, иқтисодӣ) буда, метавон чунин унсурҳои онро ҷудо намуд:

- озодкунии гурӯҳҳои алоҳидаи андозсупорандагон аз пардохти андоз дар давоми давраи муқарраргардида;
- пурра ё қисман озодкунии объекти андозбандишаванда аз андозбандӣ;
- имтиёзҳо тавассути кам кардани манбаи андоз (тарҳҳои андозӣ, тахфиф) ва муқаррар намудани меъёрҳои пасткардашудаи андоз.

Дар маҷмӯъ, хусусияти истифодабарии ҳавасмандкуниҳои андозӣ бо имконот ва иқтидори бахши давлатӣ дар ҳавасмандгардонии соҳибкорон бо дараҷаи баланди шавқмандӣ ба манфиати тамоми ҷомеа ва бевосита худи онҳо алоқаманд мебошад [4,с. 14].

Бояд ба назар гирифт, ки имтиёзҳое, ки ҷиҳати ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ба иқтисодиёт пешниҳод карда мешаванд, сабаби самараи буҷетикунонии давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Моҳиятан, сабукиҳои андозӣ сабаби талафоти даромади буҷетӣ мегардад, ки дар натиҷа самаранокии вазифаи фискалии андозро коҳиш медиҳад. Аммо, ба имтиёзҳои андозии ҳавасмандкунандаи фаъолияти сармоягузорӣ «чунин қоида» танҳо дар давраи кутоҳмуддат хос буда, дар оқибат, пас аз ноил гардидан ба механизми самараноки он, натиҷаҳои сармоягузорӣ омили афзоиши ҳосилнокии меҳнати агенти иқтисодӣ мебошад, ки дар навбати худ, ҳаҷми воридоти андозӣ дар маҷмӯъ зиёд гардида, дар ниҳоят ҳамаи хароҷоти буҷет ба андозаи кофӣ ҷуброн карда мешавад. Ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ аз бисёр ҷиҳат тавассути самаранокии татбиқи механизми андоз дар мамлакат муайян карда шуда, ҳамзамон, аз қарорҳои қабулшавандаи Ҳукумати кишвар дар раванди коркарди сиёсати андоз вобастагӣ дорад.

Дар ин раванд, шурӯъ аз соли 2013 то инҷониб бо мақсади таъмини шароити мусоид барои ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ва ватанӣ, инчунин густариши истеҳсоли молу маҳсулоти рақобатпазир, аз ҷумла истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва ба содирот нигаронидашуда ва ҳалли дигар масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар қонунгузории андоз дар ин самт чунин имтиёзоти андозӣ пешбинӣ ва татбиқ карда шуда истодааст:

1. Корхонаҳои нави молистеҳсолкунанда аз санаи бақайдгирии ибтидоии давлатӣ ҳангоми аз ҷониби муассисони онҳо дар муҳлати 12 моҳи тақвимии аз санаи бақайдгирии давлатӣ ба фонди оинномавии чунин корхонаҳо ворид намудани ҳаҷми сармоягузорӣ аз 200 ҳаз. то 5 млн. дол. ИМА мутаносибан ба муҳлати аз 2 то 5 сол аз пардохти андоз аз фоида (андози низоми содакардашуда) озод мебошанд;
2. Даромадҳо аз фаъолияти сайёҳӣ ба муҳлати 5 сол аз санаи бақайдгирии давлатӣ аз пардохти андоз аз фоида озод мебошад;
3. Лоиҳаҳои сармоягузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҳисоби созишномаҳои қарзӣ маблағгузорӣ карда мешаванд, аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва кормандони кироя онҳо аз пардохти андози иҷтимоӣ озод мебошанд;
4. Шурӯъ аз 1 январи соли 2017 меъёри андоз аз фоида ба андозаи 13 фоиз - барои фаъолият оид ба истеҳсоли мол ва 23 фоиз барои дигар намудҳои фаъолият, инчунин меъёри андози низоми содакардашуда барои субъектҳои соҳибкории хурд ба андозаи 5 фоиз - барои истеҳсоли мол ва 6 фоиз барои дигар намудҳои фаъолият муқаррар карда шудааст.

Аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешаванд:

5. Воридоти таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маҳсулоти такмилии онҳо, ки маҷмӯи ягонаро ташкил медиҳанд, аз ҷумла дар асоси шартҳои иҷораи молиявӣ барои ташаккул ё пурра кардани сармояи оинномавии корхонаҳо ё азнавтаҷҳизонии техникии истеҳсолоти амалкунанда;

6. Воридоти доруворӣ, таҷҳизоти тиббӣ, фармасевтӣ ва асбобҳои тиббӣ мувофиқи номгӯи муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
7. Воридоти молҳо барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи маблағҳои созишномаҳои грантӣ;
8. Воридоти молҳо барои сохтмони номгӯи муайяни объектҳои махсусан муҳим тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
9. Воридоти таҷҳизоту техника ва маводи сохтмонии иншооти сайёҳӣ;
10. Воридоти маводу лавозимот барои истеҳсоли доруворӣ, инчунин технологияи навтарин барои корхонаҳои дорусозӣ ва таҷҳизоти ташхису табобат тибқи номгӯйи тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳамзамон, бо мақсади ҷалб намудани сармоягузорӣ ва афзоиш додани истеҳсоли молу маҳсулоти рақобатпазир ва ба содирот нигаронидашуда, дар Кодекси андоз 6 низоми имтиёзноки андозбандӣ пешбинӣ шудааст, ки барои андозсупорандагони соҳаҳои дахлдор, аз ҷумла давраи сохтмони НБО, корхонаҳои коркарди нахи пахта, парандапарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи чорвою паранда, субъектҳои бозори коғазҳои қиматнок, минтақаҳои озоди иқтисодӣ озодкуниро аз андозҳо пешбинӣ менамояд **[5].** Саҳми сармоягузорӣ дар иқтисодиёт хеле муҳим аст. Сармоягузорӣ воқеан барои рушди мӯътадили иқтисодиёт ва афзоиши устувори иқтисодӣ зарур мебошад. Раванди фаъоли сармоягузорӣ захираҳои иқтисодии мамлакатро муайян менамояд, боиси афзудани сатҳи зиндагии аҳолӣ мегардад. Фаъолияти иқтисоди самараноки хоҷагию ташкилотҳо пеш аз ҳама сатҳ, ҳаҷм ва навъҳои сармоягузорӣ вобаста мебошад.

Баъди омӯзиши ҳавасмандгардониҳои сармоягузорӣ ва омилҳои ба сармоягузорӣ таъсирбахш мо ба чунин хулоса омадем:

1. пурра муайян кардани таъмини низоми ягонаи ҳуқуқии ҷалби сармоягузориҳо ва пешниҳоди кафолату имтиёзҳои зарурӣ ба сармоягузорони хориҷию ватанӣ;
2. ҳарчи бештари муносибатҳои мамлакат дар бахши сармоягузорӣ бо дигар давлатҳои хориҷ ва ташкилотҳои байналхалқӣ ба роҳ монда шавад;
3. бояд мушкилоти инфрасохторӣ ва таъминот бо барқ, газ, об дар минтақаҳои алоҳида таъмин карда шавад;
4. мақсаднок ва самаранок истифодабарии маблағҳо ҳангоми анҷом додани фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаҳои муҳим.

## АДАБИЁТ


1. Барномаи миёнамухлати солҳои 2016-2020
2. Нурализода А.Н. Самаранокии сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.Н. Нурализода, С.Мирзозода, Б.А.Гафоров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ҷамъиятӣ –Душанбе, 2018. -№4. –С.111-112
3. Гребенникова В.А. Анализ инвестиционно— инновационной активности российских предприятий в условиях экономической нестабильности/Новая наука: Современное состояние и пути развития, 2016. - №4-1. - С. 97
4. Пакова О.Н. Налоговые стимулы и их регулятивный характер// Вестник Сев Кав ГТУ. Серия «Экономика», 2013. - №3. - С. 14
5. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо назардошти тағйиру иловаҳо ба санаи 01.01.2017) - Душанбе, 2016. – 335с.
6. Ҳ.Қ Шоймардонов Нақши сармоягузорӣ дар рушди иқтисодии субъектҳои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон/Ҳ.Қ Шоймардонов, Б.А.Набиев //Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзӯи: «Нақш ва аҳамияти сармоягузорӣ дар рушди иқтисоди миллӣ»-Кӯлоб, 27-28 майи соли 2016.-С. 263-264-266



## АННОТАЦИЯ
## ФАКТОРЫ И СТИМУЛЫ ДЛЯ ВЛИЯТЕЛЬНОГО ИНВЕСТИРОВАНИЯ

Существуют определенные факторы, которые способствуют реализацию проектов, которые способствуют инвестициям в инвестиционный сектор. Автор статьи приложил усилия, чтобы включить в статью стимул для инвестиций как указано в нормативных актах и государственных программах. В статье исследуются следующие аспекты: факторы, влияющие на инвестиционную деятельность, упорядочение процедур регулирования деятельности субъектов хозяйствования по всем видам инвестиций, усиление законодательства для улучшения инвестиционного климата и предпринимательской деятельности, а также налоговое законодательство для улучшения инвестиционного климата. Основные проблемы, связанные с основными факторами, стимулирующими инвестиции, были исследованы автором и предложени решение этих проблем.



## ANNOTATION
## FACTORS AND INCENTIVES TO INVEST

There are certain factors that contribute to investment activities and project implementation that promote investment in the investment sector. The author of the article has made an effort to include in the article an

incentive for investment and investment incentives as outlined in regulations and government programs. The article investigates the following aspects: Factors influencing investment activity, streamlining procedures for regulating the activities of economic entities of all types of investment, strengthening legislation to improve the investment climate and business, and tax legislation to improve the investment climate. The main challenges related to the major factors that stimulate investment have been investigated by the author and have suggested a solution to these problems.
***Keywords:*** *Effective factors, investment incentives, investment incentives, tax incentives, capital investment, investment development.*